кишварҳои ЕМШ аз он иборат аст, ки аксари ташкилотҳое, ки фаъолияти хешро оғоз намудаанд тақсимоти чунин функсияҳоро бетағйир гузоштаанд дар ҳолати кунуни иваз намудани он гуё маъно надорад, дар ҳоле, ки корҳои онҳо хуб ба роҳ мондашудааст. Ба ин нигоҳ накарда, таъсиси садорат давом дорад, вале барои ташкилоти босамари он чизи беҳуда ва ҳатто ғалат аст.Дар ҳаққиқат роҳбарони ТҒ, ки корҳои назаррасро анҷом доданд, дар баробари сохтани ташкилот беист мепурсанд, яъне, садорат барои онҳо чӣ лозим (Ниг.: **«Шубҳаҳои роҳбарияти ТҒ: «Садорат ба ман чӣ лозим» (қисми 1)»**). Ташкилоте, ки ба тарзи гуворо рушд дорад бидуни садорат ё ҳиссаи ночизи иштироки он аз нигоҳи татбиқи таҷрибаи нав ва ҳатто дар сурати пешрафти кор ба душворию ба хатар ғут мезанад. Барои ҳамин, аксари роҳбарони бобарор қиёфаи беилтифотонаи бозхонд ва ҳузури садоратро ҷонибдори менамоянд.

Бо вуҷуди ин хавфи аз ҳад зиёди худории ташкилот аз ҷалби садорат ба кори худ дар сурате ба миён меояд, ки агар ӯ худ рушду нуму дорад. Бояд мутазаккир шуд, ки буҷети калон шумораи ҷалби стейкхолдерҳо имконпазир менамояд ва ин аз моҳияти истифодаи оқилона ва мақсадноки манбаҳои ташкилот бар меояд, ки билохир роҳбари пурққувват ба ин дучор мешавад. Чунин ҳолат дар сурате айён мешавад, ки агар ташкилот аз маблағгузории хориҷа ба маблағузории гуногун ба ҳисоби манбаҳои маҳаллӣ гузарад. Ҳавасманд намудан бо хайрияи маҳдуд дар сурате мумкин аст, ки агар стейкхолдерҳои маҳаллӣ аз фаъолияти босамари ба нафъи ҷамъият намудани ташкилот боварӣ дошта бошанд.

Ташкилотҳое, ки хоҳиши рушду нуму доранд, иқроранд, ки усутувории доманадор идоракунии бовиҷдона ва босамарро тақозо менамояд, ки он аз тақсимоти функсияи садорат ва кормандони ташкилот ибтидо мегирад.

Шубҳаи роҳбари ТҒ: «Садорат ба ман чӣ лозим?» (Қисми 1)
Чунин меҳисобад роҳбари ТҒ басе калони полияки;

«Ман маънои садоратро дарк карда наметавонам. Албата мо садорат доштем, ки он соле ду маротиба баргузор мегашт, вале ягон корро ба субут намерасонд. Оре чӣ коре ҳам мекарданд? Лоиҳаи мо хуб роҳандози мешуд ва дар мо масоили ҷалби маблағгузори ҷой надошт.

Вале вақти ворид шудани Полша ба Иттифоқи Аврупой, манбаи молии мо тағйир ёфт. Барои гирифтани маблағи нав тағйир додани рисолат зарур буд вагарна моро мебастанд. Баногоҳ ба ҳамаи маблағгузорон нақшаи стратегӣ, сохтор ва маҳакҳои баҳодҳи лозим омад. 12б

Ман аввал дар ин хусус ҳато андешаҳам намекардам ва меҳаросидам. Хушбахтона, маълум гашт, ки ду нафар аз аъзои садрат барои тиҷорати хурди худ ба гирифтани гранти аврупой дархост намудаанд, ки онҳо ба ман кӯмак расонанд.

Мо дар якҷояги сохтори ташкилии навро таҳия ва коркарди нақшаи лоиҳаро ба субут расонидем, ки он ба талабот ва низоми баҳодиҳии Иттиҳоди Аврупой мувофиқ гардонида шудааст».

4 Идоракунии бовиҷдонона тазияи вазифаи идоракунӣ ва менеҷменто тақозо менамояд

4.2 Садорат идора кунад кормандон татбиқкунандаи менеҷментанд

Аслан дар зери тақсими функсияи идоракуни тақсимотӣ вазифаҳо ва маҳдудгардонии он аз рӯи иштирок дар мақомотҳои гуногун фаҳмида мешавад. Аз рӯи қоидаҳои муқаррарӣ агар **менеҷмент ҳайати рӯзмараи ташкилотро идора кунад пас садорат сиёсат ва стратегияи ТҒ муайян ва ҳамчунин назоратро нисбат ба фаъолиятро он амалӣ менамояд. Дар аксари модели идоракунӣ самтҳои асосии масъулияти садорат чунин баррасӣ шудааст – аз ҷумла 1) назорат роҷеъ ба татбиқи маромҳои рисолати ташкилот; 2) ташаккули арзишу стандартҳо; 3) таъмини манбаҳо; 4) васеъ намудани сафи пайравон (Ниг.: «Вазифаҳои асосии садорат»).** Алабатта, ин чунин маъно надорад, ки кормандон бояд дар коркарди стратегия иштирок наварзанд ё худ аъзоёи садорат бояд дар ҳаёти рӯзмараи ТҒ ҳиссагузор набошанд. Ин ба маънои мавҷуд будани самти муҳим, ки ба ду соҳа ҷудо шудааст ва марзи он боэҳтиром аз ҳар ду ҷониб бояд ҳифз гардад баррасӣ шудаст.

Яке аз воситаҳои таъмини аз ҳамдигар ҷудо кардани идоракунӣ ва менеҷмент – ин бовар кардан ба он, ки касе яку-якбора аз ӯҳдаи иҷрои ин ду функсия баромада наметавонад. Шояд манзур дошт, ки ин талабот ба ақли солим рост намеояд: чунки нисбат ба аъзоёни садорат кормадон беҳтар кори ташкилотро медонанд ва барои ҳамин онҳо дар муайян намудани стратегия ва баҳодиҳии фаъолият ва талаботи ТҒ нақши муфидро анҷом медиҳанд. Бинобар ҳамин, чӣ хеле, ки қайд кардем дар сурати ба садорат ворид шудани кормандон аз рӯи чунин ҳолатҳо яъне агар тасдиқи буҷет, муқаррар намудани маош, баҳогузории барнома – дигар карда гуем агар корманд мониторинг ё назоратро нисбат ба фаъолияти шахсияш амалӣ намояд дар он сурат ҳатман ихтилофи манфиатҳо ба миён меояд. Бо ин сабаб кормандон ҳаргиз ва ҳеҷ гоҳ дар садорат ҳуқуқи раъй бояд надошта бошанд.

Вазифаҳои асосии садорат

Нобоваста аз андоза, рисолат, таҷриба ё буҷети ташкилот, вазифаҳои асосии он – аз муайян намудани сиёсат, роҳандозии назорат ва таъмини риояи самти стратегии дар соҳаҳои мазкур маҳсуб аст:

Рисолат: садорат кушиш ба харҷ медиҳад, ки ташкилот рисолати хешро риоя намояд, то ки моҳияти ин рисолатро фаҳманд ва аъзоёну кормандони ташкилотро аз ҳамдигар фарқ намоянд, то ки ташкилот рисолати хешро дуруст ба роҳ монад ва ба тарзи ҳатми барнома ва тарзи хизматрасонии хешро нақшабандӣ ва баҳогузорӣ намояд.

Арзиш: садорат арзишҳои хешро ташаккул медиҳад ва қоидаҳои одоби касбиро ҳамчун намунаи шахсӣ муқарар менамояд, маҳз ҳамин тавр сиёсат ва ғояҳои роҳнамои мувофиқро муккамал созад. 13а

Манбаҳо: садорат барои ба дараҷаи кофӣ соҳиб гаштани ТҒ ба маҷмӯи манбаҳо – башарӣ, моддӣ, молиявӣ бо кирои директори иҷроия мусоидат мекунад ва мониторинги вазъи молиявии ташкилотро қобили иҷро қарор дода ба сафарбаркунии манбаҳо кӯмак менамояд.

Васеъгардии шумораи пайравон: садорат ТҒ ба ҷомеа ворид месозад ва ҳамчун звено ҳамбастагиро байни аъзоён, донорон, эҳсонгирандагон ва дигар стейкхолдерҳо анҷом медиҳад.

4 Идоракунии бовичдонона тазия вазифаи идоракуни ва менеҷментро тақозо менамояд

4.2

Аксар дар ТҒ мефаҳманд, ки ин принсипи хирадмандона аст, ва ба андозае, ки сухан то роҳбарии ташкилот нарасад. Садорат ба роҳбарият басо боварӣ дорад, ба ин хотир ширкати ӯ дар садорат мутлақо табиист. Далелҳои зиёде оид ба тарафдорӣ ва муқобили ширкати роҳбар дар садорат мавҷуд мебошад (Ниг.: **«Оё барои роҳбари ТҒ зарурати аъзои садорат шудан бо ҳуқуқи раъӣ имконпазир аст?»**). Яке аз қарорҳое, ки аксари ТҒ қабул намудаанд – ин дохил намудани роҳбар ба ҳайати садорат бидуни ҳуқуқи раъӣ. Албатта, дар чунин ҳолат роҳбар бояд аз иштирок дар мунозираҳое, ки бевосита ва ба восита ба манфиати ӯ тааллуқ доранд худдорӣ намояд (Масалан, муҳокимаи музди меҳнат ё баҳогузории фаъолият).Ва новобаста аз ҳолатҳо, роҳбари ташкилот на бояд раиси садорат бошад: зеро чунин ҷамъи хокимият дар дасти нафаре моҳиятан тобеияти ташкилотро паст менамояд.

Барои қайд

Оё барои роҳбари ТҒ зарурати аъзои садорат шудан бо ҳуқуқи раъӣ имконпазир аст?

Оид ба тарафдорон ва муқобилони чунин қарор далелҳо зиёданд. Аз ҷумла, баъзеъ аз онҳо:

Тарафдор:

1. Ин ҷалби садоратро ба кори «воқеъӣ» ТҒ пурсамар месозад.
2. Ҳамчун звенои баҳамалоқаманд байни стратегия ва таҷассумёбии он ҳизмат мекунад.
3. Воситаи ҳақиқии шарикӣ байни садорат ва менеҷмент.
4. Масъулияти роҳбарро тавассути андешаи стратегӣ баланд менамояд,

Зид:

1. Ин ихтилофи манфиатҳост, агар роҳбар ба масъалаҳое овоз диҳад, ки нисбат ба он манфиатҳои шахсӣ дорад. 13б
2. Ба сар задани муносибатҳои шиддатноки байни роҳбар бо дигар аъзоёни садорат боис мегардад, агар онҳо ба хилофи ӯ оид ба ягон масъала овоз диҳанд.
3. Кушодани марзи байни вазифаҳои садорат ва роҳбарият.
4. Ба донорон ва тарафҳои дигари манфиатдорон имконият медиҳад, ки ТҒ басо тобеъ ҳисобанд, зеро ӯ чунин тавонад монд.

Созиши оддӣ дар чунин ҳолат қарор мебошад яъне вақте, ки роҳбар дар садорат ҳуқуқи раъӣ надорад. Ҳамчунин вақте, ки манфиатҳояш баррасӣ мешавад (масалан, маош ва имтиёзҳои ӯ ва ғ.), ӯ на бояд дар арафаи қабули қарор ширкат варзад,

Идоракунии бовиҷдонона тазияи вазифаи идоракунӣ ва менеҷментро тақозо менамояд

Садорат масъулияти роҳбарро муаррифӣ менамояд

Садорат салоҳияти роҳандозии кори ТҒ ва воқиф шудан аз вазъи онро дорад. Вале садорат аҳёнан ҷамъ мегардад, азбаски аъзоёни он – одатан одамони банд ва дархостианд. Бо назардошти чунин маҳдудият, садорат метавонад қисмати вазифа ва салоҳияти худро ба роҳбар вогузор намояд.

Бо чунин тарз амал кардани садорат хоҳиши аз масъулияти муайян дур кардани сиёсат, интихоби равияи стратегӣ ё таъмини назорати умумӣ даст кашиданро надорад. Садорат ҳамеша мақоми асосии қабулкунандаи қарор ва роҳбар барои амалҳои худ ба ӯ ҳисоботдиҳанда боқӣ хоҳад монд. Бо вуҷуди ин ҳама дар доираи маҳдудияти муайян ва шартҳое, ки садорат гузошташудааст, роҳбар ташкилотро аз назари диди худ идора менамояд ва мустақиман ҳамаи қарорҳои амалиро нисбат масъалаҳои соли ҷорӣ қабул менамояд.

Садорат салоҳиятҳои худро нигаҳ медорад ва роҳбарро хифз менамояд ҳамчунин дар ҳуҷҷатҳои оинномаи салоҳиятҳои вогузоршударо моҳирона муайян ва мустаҳкам менамояд. Ин лаҳзаҳои муаррифи шаванда бояд ба таври равшан дар дастурруламали мансабии роҳбар инъикос ва дарҷ шавад (Ниг.: **«Тавсифи вазифаҳои роҳбар»**). Муайян намудани дараҷаи зинагии муносибатҳои байниҳамдигарии садорат ва роҳбарият ба роҳандозии ҳамкориҳои тарафайни онҳо ва ба миқдори ниҳоят кам фуровардани шиддатҳо, ки одатан лаҳза ба лаҳза ҳатто дар сатҳи беҳтарин қарор доштани ин муносибатҳо ба вуҷуд меояд боис мегардад. Хамчунин, ин садоратро аз додани аз ҳад зиёди ҳиссаи масъулият ба роҳбар ё - дигар ифрот – аз хоҳиши назорати умум нигаҳ медорад.

Барои ТҒ кишварҳои ЕМШ махсусият ва зарурати интиқоли чунин салоҳиятро дарк намудан душвор аст, зеро дар онҳо одатан ҳамаи

Тавсифи вазифаҳои роҳбар

Ақидаи хеле хуб аст – ифодаи шаклан хаттии интизории садорат аз роҳбари ташкилот. Доираи вазифаҳои роҳбар, ки дар дастрруламалҳои мансаби ӯ, ки васеъ дарҷ шудаанд, иборат аст:

1. Озодкунӣ ва назорат аз боли кори кормандон.
2. Идоракунии барномаҳо ва фоъолияти ҷорӣ инчунин баҳодии онҳо. 14а
3. Ҷустуҷӯ, дарёфти манбаҳо ҳамчунин идоракунии онҳо.
4. Таёрии буҷети солона.
5. Тайёр кардани пешниҳод оид ба низом, барнома ва ташаббуси стратегии садорат.
6. Робита бо стейкхолдерҳо.
7. Дар назди ҷомеа муаррифи намудани маромии ташкилот.
8. Ба кори садорат кӯмак расонидан.

Идоракунии бовиҷдонона тазияи вазифаи идоракунӣ ва менеҷментро тақозо менамояд

қарорҳоро роҳбар, мутассилан ғайрирасмӣ қабул менамояд. Эҳтимол дар оинномаи ташкилот шояд чизе дигар гуфта шуда бошад, чунони роҳбар дар таҷриба оид ин ё он салоҳият садоратро вакилӣ менамояд, ё худ бараск.

Аз роҳбар маҳорати аз ҳиқиқат дур пиндоштани «марифатнокии худпараст» лозим аст, ки афзалияти супоридани салоҳияти садоратро дарк карда тавонад. Гарчанде барои амалӣ намудани чунин иқдом ба роҳбар лозим аст, ки аъзоёни садоратро омӯзад ва бовар кунанад, ки онҳо тавонистан ба худ масъулияти идоракунии бовиҷдононаро гирифтаанд. Эҳтимол шояд ба таври оддӣ аз тасвири низоми муносибати дутарафа дар ташкилот оғоз намоем. (Ниг.: «Намунаи муносибати дутарафаи садорат ва кормандон»).

Беш аз ҳама, вале робитаи расмӣ ва ғайрирасмӣ танҳо баъд аз чӣ гунагии аслии киро (ё озод) кардани роҳбар аз ҷониби садорат ба роҳ монда мешавад. Бо ин сабаб аз рӯи ҳақиқат роҳбари бобарор бояд ба он манфиатнок бошад, ки садорат фаъолияти ӯро баҳо дода тавонад ва дар вақташ ӯро чун ворис киро намояд (Ниг.: Кисми 4.6).

Барои қайд

Агар садорат дар ҳақиқат кор кунад, тарзи расмии супурдани салоҳият чӣ маъно дорад:



14б

Алалхусус сатҳи корӣ шарикии байни садорат ва ҳайати коргарон чунин аст:



Татбиқи ҳар ду ин тасвири муносибат дар сурати муҳайё намудани шиддати позитивӣ, ки ҷараёни қабули қарор ва имконияти васеъгардонии ташкилотро устувор мегардонад имконпазир аст.

Идоракунии бовиҷдонона тазияи вазифаи идоракунӣ ва менеҷментро тақозо менамояд

Садорат ва роҳбарият дар кор ҳамшариканд

Сарфи назар аз ин, хати муносибати омирона амуди аст, ва аз рӯи таҷрибаи садорат ва роҳбар дар сурате натиҷаи хуб медиҳад, ки муносибатҳои зичи ҳамкории онҳо дуруст роҳандозӣ шавад.

Аз ҷониби дигар, танзими ҳамкорҳои бомаҳсули байни садорат ва роҳбар меҳнати зиёдро амсоли сабру тоқат, эҳтироми тарафайн ва шӯхтабъиро тақозо менамояд. Ҳар як тараф дигареро дастгирӣ мекунад, дар сурати ба миён омадани зарурат маслиҳат ва кӯмаки хешро пешниҳод менамоянд. Ин аст калиди комёбӣ – муошират, робита ва барои сифати кори онҳо бо маънои баробар, роҳбар ва садорат ҷавобгаранд (хусусан Раис) (Ниг.: «Шарикии калидӣ: роҳбар, ташкилот ва раиси садорат»).

Роҳбар ба садорат маълумоти боэътимод, аниқ ва саривақтиро оид ба вазъи ТҒ ва атрофии он пешниҳод менамояд. Ӯ бе шакку шубҳа дар ҳолатҳои зарурӣ бояд барои кӯмак ба садорат муроҷиат намояд ва ҳамзамон оиди ҳодисае рост ба садорат хабар диҳад, бо ақидаи ӯ агар садорат ба микро-менеҷмент машғул шавад ба марзи ӯ ворид мешавад. Дар навбати худ, бояд садорат ба роҳбар дастурҳои саҳеҳу равшан, маслиҳатҳои роҳбарикунанда ва алоқаи бозгаштро таъмин намояд. Садорат бояд на танҳо кори роҳбарро назорат барад ҳамчунин уро талқин кунад. Аъзоёни садорат бояд ба кори роҳбар шавқ оваранд ва ба ҷузъиёти он таваҷҷӯҳ кунанд, ҳамчунин сарзаниш, санҷиш ва таърифи роҳбарро ба хотири он кунанд, ки аз ӯ чӣ интизоранд ва бояд ӯ ҳамаро дуруст фаҳмад ва то битавонад корро беҳтар кунад.

Барои қайд

Шарикии калидӣ: роҳбар, ташкилот ва раиси садорат

Эҳтимол, ҳеҷ як дигар муносибатро дар ТҒ аз рӯи моҳият нисбат ба равобити роҳбари ташкилот бо раиси садорат баланд гузоштан номумкин аст. Шарикии хуб байни онҳо – асоси устуворӣ ва сарварии идорашаванда барои ташкилот маҳсуб аст, муносибати ба роҳмондаи бади байни роҳбар ва раиси садорат бошад – ин нигарониест, ки на фақат барои худи онҳо, балки барои ҳамаи ТҒ.

Якчанд пешниҳод оид ба он, ки чӣ гуна хушоҳангии муносибатро байни ин ду шахси муҳим оваридан мумкин: 15а

1. Ташкил намудани ҷадвали мунтазами суҳбатҳо, аз ҳама хуб дар ин ҷо – вохуриҳои шахсӣ.
2. Ба таври фаврӣ ба занг ва мактубҳои ҳамдигар посух додан. Ин на танҳо риояи одоби муошират нест, балки нишондиҳандаи он, ки шумо ба ин ҷиддан муносибат доред, ки ӯро ба ташвиш меоред.
3. Агар сухан комилан оид ба мавзӯи махфӣ наравад, матавонед дигар аъзоёни садоратро ба нусхаи хабаррасонӣ гузоред. Махсусан ҳеҷ кас намехоҳад, ки он яке аз робитачии муҳим бошанд.

Идоракунии бовиҷдонона тазия вазифаи идоракуни ва менеҷментро тақозо менамояд

Садорат фаъолияти сарварро мунтазам баҳо медиҳад

Яке аз вазифаҳои муҳими садорат нисбат ба роҳбари ташкилот - мунтазам (беҳтараш ҳар сол) баҳо додани фаъолияти он аст. Дар баҳодиҳӣ бояд ба маҳаки маслиҳатшудаи пешакӣ такя намудан лозим, ки ин дар дастурруламали мансабӣ ва нақшаи солона дарҷ шудааст. Зеро ин барои дарки роҳбар ёрӣ мерасонад, ки аз ӯ садорат чиро интизор аст ва чӣ дар фаъолияти ӯ ба беҳтаргарди ниёз дорад. Ҳамчунин, баҳодиҳӣ барои муайян намудани дараҷаи маоши роҳбар муҳим мебошад ё ки барои қайди иҷрои номатлуби вазифаҳои ӯ барои садорат, ки оқибат боиси аз кор озод кардани ӯ мегардад.

Дар амал ташаббуси баҳогузории фаъолияти роҳбарро раиси садорат анҷом медиҳад. Зимнан, хуб мешуд, ки баҳодиҳиро аслан аъзоёни садорат, ки ҳамчун мақоми ягона маҳсуб аст, амалӣ намояд. Пеш аз ҳама, аъзоёни садорат байни худ метавонанд кори роҳбарро муҳокима намоянд, баҳогузории фаъолияти ӯ бошад мувофиқи дастурруламали мансабӣ ва ҳадафҳои тасдиқгардидаи соли ҷорӣ сурат мегирад. Баъд, раис ё садорат роҳбарро оид ба натиҷаи баҳогузорӣ якҷоя бо тавсияҳо ва интизориҳои нав ва ғ. маълумот медиҳад.

Барои қайд

4. **Барои раис**: бояд фаъолияти ташкилотро бо баҳодиҳии мунтазам ва одилона таъмин кард. Аслан, ин равандро шумо бояд саварии намоед, бо қӯмаки йарсолаи худ ба роҳбар нишондиҳандаи калидии натиҷаи фаъолияти (KPI) муайян ва бозгашти алоқаро аз аъзоёни садорат таъмин созед.
5. **Барои роҳбар:** ҳиссаи раисро, ки барои шумо муҳим аст, намоиш диҳед. Барои маслиҳат мунтазам ба ӯ муроҷиат намоед, зеро дар лаҳзаҳои муҳим ин ба шумо кӯмак хоҳад намуд. Зимнан шумо медонед, ки садорат дар бораи чӣ андеша дорад.

15б

Идоракунии бовиҷдонона тазияи вазифаи идоракунӣ ва менеҷментро тақозо менамояд

4.6 Ба нақшагирии ивази сарвар аз ҷониби садорат

Садорате, ки роҳбари боистеъдод дорад ва ба ӯ муяссар мешавад, ки якҷоя кор кунад, дар навбати худ андешаи ивази ӯро ҳоҳ но ҳоҳ бояд кунад. Аз ин лиҳоз, баэътибор нагирифтани и масоил дуруст нест. **Аз ҷониби дигар, аксари ташкилотҳои минтақаи ЕМШ дар сурати аз кор ногаҳон рафтани роҳбар ба як ҳолати ногувор дучор мешаванд** (Ниг.: **«Кай роҳбар меравад»**). Дар ҳақиқат ҳар як инсон, ҳатто ба ивазнашавандагии ӯ нигоҳ накадрда, азияти бемори мекашад, ба кори дигар мегузарад ё ба шаҳри дигар мекучад. Ба ғайр аз ин, омилҳои куҳансолӣ, ки ба сектори сеюм андешаи пешниҳоди насли нави комиилан пешворо фавран аз рӯи матлаб тақозо менамояд.

Феълан, қоидаи роҳбари босавод аз он шаҳодат медиҳад, ки новобаста аз дараҷаи боварии садорат ба роҳбар ҳатто дар сурати зарурат – таъҷилан бояд дар захира нақшаи иваз кардани ӯро дошта бошад. Нақша бояд руйхати номзадҳои эҳтимолиро ба ин мансаб дошта бошад ё маҳаке, ки аз рӯи он ҷустучӯ намудани онҳо имконпазир аст. Агар садорат зарур шуморад то метавонад ба ин нақш яке аз кормандони роҳбарикунандаи ташкилотро тайёр намояд. Ҳамчунин, ҷалби номзадро аз берун ё имконият муаввақатан иҷрокунандаи ин мансаб имконпазир аст. Дар ҳолати кунуни садорат дастурруламалҳои мансабии роҳбарро дар шакли хаттӣ бояд таъмин намояд.

Аз рӯи имконият, садорат метавонад ба таври кушод ин масоили нозукро бо роҳбар муҳокима намояд. Ӯро дар ин хусус бовар кунонидан лозим, ки мавҷуд бадани нақшаи ивази роҳбар – ин натиҷаи шубҳа афтидан ба фаъолияти ӯ нест. Дар сурати ба ӯ фаҳмонда додани ҳамаи қоидаҳо, роҳбар ба муайян намудани сифатҳои зарурӣ ва таҷрибавӣ, ки шахси довталаб ба ин мансаб дошта бошад кӯмак мекунад. Ҳамчунин, ӯ метавонад довталабони эҳтимолиро пешниҳод намояд ва ҳатто дар ҷараёни ба кор қабулкунӣ иштирок варзад.

Лаҳзаи рафтани роҳбар

Яке аз ТҒ болгари аз рӯи роҳбари ниҳоят маъруфаш ном бароварда буд. Кормандоне, ки яқҷоя бо ӯ тули ҳафт сол кор макарданд мафтуни ӯ шуда буданд ва барномаҳое, таҳти роҳбарии ӯ амали шаванда дар минтақа беҳтарин ба ҳисоб мерафт. Худ тассавур кунед изтироби аъзоёни садоратро дар он вақт, ки хонума арзи аз ташкилот рафтан кард, зимнан бетаъхир.

«Ман фаҳмидам, ки вақти он омадааст, ки чизе наверо пешниҳод кунам», - ҳамин тавр иброз дошт ӯ. Ба ин зан таклиф шуда буд, вале ин як беъэтиноӣ аҳмақона буд. Айнан дар як муддати кӯтоҳ ӯ ба қуҷое ба Ғарб ғайб зад ва барои ба кори нав шурӯъ кардан баъд аз худ ташкилотро боқимонд, ки гуё равнақ дошт - ва то лаҳзае, ки таърихи тамоман дигар ба вуқӯъ омад. 16a

Дар ин хусус, аввалин бонги пуризтироб ба садорат расид, яъне вақте, ки директории барномавӣ оид ба иҷрои вазифаи роҳбар хоҳиш намуданд, ӯ бо раиси садорат дар тамос шуд ва гуфт, ки ба назари вай дар маҷмӯъ на ҳамаи ҳуҷҷатҳои молиявӣ мавҷуд аст. Собиқ роҳбар муҳосиботро пеш мебурд ва зуд-зуд дар хона кор мекард. Бо гуфти ӯ, ин масоилеро рӯи кор оварад, зеро дере нагузашта бояд ҳисоботи аввалинро доир ба гранти калон супоридан лозим буд.

Раис аз директорияи барномавӣ хоҳиш намуд, ки ин масъаларо дида баромада аз натиҷааш гузориш диҳад. Баъд аз чанд рӯз ӯ занг зада гуфт, ки дастрас ба ҳисоби

4 Идоракунии бовиҷдонона тазияи вазифаи идоракунӣ ва менеҷментро тақозо менамояд

4.6 Дар сурати ногаҳон аз кор рафтани роҳбар, он гоҳ аз сабаби ихтилофи манфиатҳо ба ин вазифа машғул шудани сардори садорат ғайриимкон аст. Айнан, чунин ҳолат дар лаҳзаи аз вазифа рафтан роҳбар ва аъзои садорат гаштани ӯ нодуруст аст. Аслан аксари роҳбарони нав бар он ақидаанд, ки боқӣ мондани роҳбари пешина дар садорат ба табдил ёфтани омили душворӣ ва бадхоҳона боис мегардад, зеро собиқ садорон ҳар чӣ кушишро ба харҷ медиҳанд, ки қарорҳои қабулшударо мавриди санҷиш қарор диҳанд ё иҷрои онро фаромуш кунанд, зеро онҳо дигар ташкилотро роҳбарӣ надоранд. Барои роҳбари собиқ пайдо намудани ҷои корӣ бо пуррагӣ шоиста мумкин аст, ба ин вазифаи маслиҳатчии фахрӣ мисол шуда метавонад.

Барои қайд

бонкии ташкилот то ба ҳол дар дасти собиқ роҳбар боқӣ мондааст. Бояд маоши кормандон ва иҷорапулиро додан лозим буд, вале имконияти ин корро кардан набуд. Ӯ ҳамчунин мактуби донори дигарро дастрас кард бо дархости чӣ гуна маблағхои ба ташкилот ҷудо шуда харҷ гаштааст. Аммо дар файлҳои ташкилот дар ин хусус ягон хел маълумот мавҷуд намуд, ва он намедонист, ки чӣ ҷавоб гуяд.

Аз ин садорат ба хулосае омад, ки собиқ роҳбарро азиз хондаанд вале аз ин эъроз кард. Сабукфикрии ӯ дар муносибат ба муҳосибот ва ҳисоботи маблағгузорон ташкилотро ба ҷанҷол ё ба чизи аз ин ҳам бадтар рӯ ба рӯ кард.

Аз ин лиҳоз, раҳои ҷустан аз донорҳо ва иҷрои ӯдадориҳои кормандону иҷорадиҳандагон амалҳои фавъириро тақозо мекард. 16б

Хушбахтона, ин қисмат бо хубӣ анҷом ёфт. Зеро баъд аз ҳафта директории барномави маълумоти молиявии зарурироро ҷамъоварӣ кард. Раиси садорат директори барномавиро бовар кунонд, ки бонк барои онҳо назорати ҳисобҳо дастрас мегардонад.Оқибат ҳисобтҳо пешниҳод шуданд, маош пардохтаю иҷорапулӣ дода шуд. Садорат директории барномавиро роҳбари нави ташкилот тайин кард.

Дар навбати аввал директории нав ботартиб вазифаҳои шахсӣ тавсиф намуд ҳамчунин қоидаҳои молиявии навро барои ташкилот таҳия кард. Ӯ қарор дод, ки дар сурати аз кор рафтан ё аз вазифа сабукдуш гаштанаш ТҒ ба чунин ҳолат намерасонад.

5

ТҒ – ин ташкилоте, ки аз рӯи рисолат роҳнамоӣ дорад

5 1

Ба ҷо овардани назорати садорат аз паи иҷрои рисолат

Феълан фарқи ТҒ аз сохтори-тоҷирӣ дар он аст, ки ӯ на барои ба даст овардни фоидаи соҳибони ташкилот ё стейкхолдерҳо таъсис меёбад, балки ба манфиати ҷомеа ё аъзоёни худ. Аниқтар карда гуем, пас рисолати ТҒ – он чӣ ки мекунад баҳри ҳамин манфиатҳо равона мегардад. Одатан рисолат ба арзишҳои ташкилот зич алоқаманд аст – масалан, кӯшиши муҳофизати муҳити атроф ё кӯмак намудан ба камбизоатон.

Рисолат ва арзишҳо одамонро рӯбаланд ва ба кори ташкилот ҷалб менамояд, ҳамчунин ба талоши ҳадаф ва фаъолияти он кӯмак менамояд. Тавсифи рисолати ТҒ одатан – ин қисми таркибии ҳуҷҷатҳои оинномавии ташкилот маҳсуб аст.

Яке аз вазифаҳои асосии садорат – муайян, тасвият кардани рисолати ташкилот, боиси риояи кардани ин рисолат назорат бурдани ташкилот ва наздик намудани ӯ ба ҷомеа (См.: **«Рисолат тавсиф надорад? Онро тавсият намудан лозим»**). **Сдорат барои он назорат мебрад, ки ташкилот аз рисолати худ пастгардӣ накунад ва бо ин восита моҳияти худи фаъолияти ТҒ ҳифз намояд.** Вобаста ба ин вазифаҳои аз ҳама муҳими садорат – таъмини он, ки рисолат ба манфиати ҷомеа ё аъзоёни ташкилот ҷавобгӯ бошад, ТҒ бошад бояд таҳти рисолати хеш роҳбариро дар тамоми самтҳое, ки амал мекунад анҷом диҳад. Ҳамчуни садорат бояд оид ба воқеӣ будани рисолат ва миқёси он, боақлона ва комёб шудан ба натиҷаҳо ғамхорӣ намояд.

Барои ҳамин садорат бояд назорат намояд, ки рисолат кутоҳ ва яқинан тавсият шуда бошад. Рисолат – ин ҳуҷҷати итилоотгӣ ва далеловарӣ барои доираҳои гуногун, бо пиндошти эҳсогирандагон, шарикон, маблағузорон, ВАО, кормандони ташкилот.

Рисолат ҳамчун нуқтаи мазҳар дар сурати банақшагирии амал ва тақвият муфид аст ва ба ягонагии барномаҳо, коммуникатсия ва фаъолияти ҷорӣ

Набудани тавсифи рисолат (миссия): ифодаи он зарур аст

Дар сурати имконпазир нагаштани тавсияти рисолати ташкилот, шумо метавонед ба садорат муроҷиат кунед. Зеро ин беҳтарин имконияти муттаҳид намудани аъзоёни садорат баҳри коркади назари умумӣ кори якҷоя бар сари матни паёми боқира, ки барои коммуникатсияи дохила ва беруна муҳим аст, маҳсуб дониста мешавад. Тавсияти рисолат қадамҳои зеринро тақозо менамояд:

Қадами 1. Сари ду соатро ба фокускунонии мунозира дар идеали фасилитаторӣ бомаҳорат сарф намоед. Дар ин мунозира бояд роҳбарони ташкилот ва кормандони пешбари он ширкат намоянд. 17а

Қадами 2. Дар вохурӣ саволҳои зайлро диҳед, аввал ба таври фардӣ ба ҳар иштирокчӣ ва баъд якҷоя ба ҳама:

- Ба кадом шакли ташкилот шумо тааллуқ доред?
- Ба манфиате (талабот), ки шумо хизмат мекунед?
- Эҳсогирандагони мо кист?
- Чӣ ва чигуна мекунем?

ТҒ – ин ташкилоте, ки аз рӯи рисолат роҳнамоӣ дорад

қумакрасон аст. Садорат бояд боварӣ дошта бошад, ки рисолатро ҳама аз аъзоёни садорат сар карда медонанд, мефаҳманд ва дар ташкилот фарқ ҳам мекунанд.

Садорат бояд назорат намояд, ки фаъолияти ҷорӣ ва барномавии рисолати ташкилот мувофиқ бошад. Дар баъзе ҳолат бо сабабҳои гуногун фарқият байни рисолати иброзгашта ва барномаҳо ба миён меояд: ба қадри имкон, моҳиятан хизматҳои басо ноҷолиб ё раҳоиёбии молияви «васеъшавии рисолатро» тавассути гузариш ба фаъолияти дуюмдараҷа нисбати асосӣ тақозо менамояд. Садорат ба таври мунтазам бовар намояд, ки ТҒ рисолати дар оиннома иброз гаштаашро риоя мекунад, албатта ташкилот фаъолияти манъшуда, ғайриқонунӣ ва ғайриодобиро ҳеҷ гоҳ пеш намебарад.Давра ба давра ба муайян намудани рисолат таваҷҷӯҳ намуда, садорат метавонад пайбарад, ки оё рад кардан рисолат ҷой дорад ё шояд, дар чунин сурат барои аз нав якҷоя намудани фаъолият ва рисолат коре бояд кард.

Барои қайдҳо

- Дар куҷо мо инро мекунем?
- Барои чӣ мо инро мекунем?

Қадами 3. Барои муваффақ шудан ба консенсус ба ҷавобҳои ин саволҳо кӯшиш намоед. Дар сурати имконпазир нагаштан шояд шумо зиддиятҳои мавҷудаи ташкилотро, ки эътибор надодан ё онҳо номумкин аст, пайдо менамоед.

Қадами 4. Натиҷаҳои муваффақ гаштаро дар якчанд ҷумалаи кутоҳ вале аниқ баён намоед.

17б

Қадами 5. Онро ба эҳсогирандагон, кормандон ва шахсоне, ки ба ташкилоти шумо алоқа надоранд нишон диҳед. Онҳо дар ин хусус чӣ фикр доранд? Оё ҳамаи онҳо мефаҳманд,ки шумо чӣ гуфтан мехоҳед? Оё ин ба қалби онҳо таъсир мерасонад? Дар сурати ба ин саволҳо гирифтани ҷабови мусбат пас рисолати шумо муайян аст. Агар набошад боз тасвияро кор кардан зарур аст.

ТҒ – ин ташкилоте, ки аз рӯи рисолат роҳнамоӣ дорад

Тариқи татбиқи банақшагирии бовиҷдонона боис гаштани садорат ба амали рисолат

Банақшагирӣ – и фаъолияте, ки ба амали намудани рисолат ва мароқи баланд кардани ҳисоботдиҳии ташкилот нигаронида шудааст. Ин ҳамчун ҷараёни мақсадгузорӣ, ташаккули стратегия, ки барои комёб гаштани онҳо ҷалб ва тақсимоти мабаъҳо муҳим аст. Ҳуҷҷатҳои гуногун натиҷаи банақшагирӣ шуда метавонад – амсоли буҷети солона, ҷадвали воҳидҳо, нақшаи пуразриши стратегӣ. Новобаста аз ин, банақшагирӣ ҳамчун ҷараёни босамар ва мунтазам – яъне яке аз вазифаҳои садорат маҳсуб аст (Ниг.: «Ҷалби садорат дар банақшагирӣ»).

Садорат бояд боварӣ дошта бошад, ки кормандон дар назди худ мақсадҳои воқеӣ, реалӣ ва қадамҳои худро устувор гузошта барои комёбгаштани ин ҳадафҳо дар вақташ оқилона амал мекунанд. Аниқтараш, садорат одатан ва умуман раванди банақшагириро назорат мебарад, аз ин ҷо эҳтимоли бевоситаи бамиён омадани масоил дар ин самт имконпазир аст.

Азбаски садорат дар кори иртиҷоъпарастии ташкилот ширкат намеварзад, аммо ӯ метавонад дар ҷараёни банақшагирӣ арзишҳоро илова намояд, ки аз «назари буруни» ҷамъбастшудаанд ва тавассути санҷиши вазифаҳои воқеъан асосии кормандон амалӣ шавандаанд. Садорат қодир аст, ки ҷараёни ба ҳаёт таҷассумёбии нақшаро назорат намояд, ҳамчунин лозим ояд онро нав ва ислоҳ кунанд ё ҳатто руйхат кунад.

Ҳар қадар андозаи ҷидду ҷаҳди ташкилот дар ба нақшагирии фаъолияташ зиёд бошад, бо ҳамон андоза дар ин раванд садорат ҷалб мегардад. Одатан кормандон ҳуҷҷати ҷамъбастиро омода месозанд.

Ҷалби садорат дар банақшагирӣ

Ана чӣ мегуяд роҳбари яке аз ТҒ венгерӣ:

«Ман роҳбарии ТҒ на он қадар калонеро ба ӯҳда дорам, як чанд сол пеш ман ба хулосае омадам, ки ба мо нақшаи стратегӣ лозим.Чунин ҳуҷҷатро донорон пурсида буданд, ва ман худам фаҳмида будам, ки бе нақшаи дарозмӯҳлат дигар кор кардан мумкин нест. Ман қарор додам, ки онро мо бо қувваи дастаи худ бояд таҳия намоем, вале маслиҳатчӣ, ки ба мо кӯмак намуда буд хоҳиш намуд, ки ӯро ҳам ба кори садорат ҳамроҳ намоем.

Ман дарк карда будам, ки ин дар назди аъзоёни садорат вазифаи нав мебошад ва ба гумон аст, ки онҳо ба ин муносибати эҳодкорона зоҳир менамоянд. Ба вохурӣ ҷамъ намудани онҳо душвор буд. Вале дар сессияи стратегӣ, ки маслиҳатчӣ амсиласозӣ (моделрони) кард, онҳо басо фаъоли зоҳир намуданд. Ман дар тааҷҷубам, ки онҳо якчад идеяҳои аҷиберо иброз намуданд, ки барои он бояд ташкилоти мо кӯшиш намояд ва ҳатто хоҳиши зиёди ба раванд ворид намудани фандрайзингро карданд. 18а

Баъдан ман якҷоя бо раиси садорат оид ба тасвияи дарозмӯҳлати мақсади ташкилот кор намудем. Кормандон дар лоиҳаи барнома «гуштро зиёд карданд» ва мо дар якҷояги бо раис онро ба ҷаласаи минбадаи садорат барои пешниҳод омода намудем.

Аз ҳамон вақт то ин ҷониб аъзоёни садорат дар раванди банақшагирӣ мунтазам ширкат меварзанд. Ҳар сол садорат нақшаро аз сари нав дида мебарояд ва аз рӯи зарурат мақсад ва вазифаҳоро аниқ мекунад. Минбаъд дар ташкилоти мо барои банақшагирӣ садорат ҷавоб медиҳад. Ин ба ман бисёрҳам маъқул: дар ин раванд ман метавонам ба онҳо такя кунам ва акнун ман дар танҳоӣ барои ҳамаи ин масъул нестам».

ТҒ – ин ташкилоте, ки аз рӯи рисолат роҳнамои дорад

Мусоидати садорат дар амали намудани рисолат бо гузаронидани баҳодиҳии мумтазам

Баҳодиҳи – ин воситаи ба боварии садорат вогузор намудани имконият, ки ташкилот босамарона рисолати худро ба ҷо меорад. Баҳодиҳӣ ва ҳамчунин банақшагири аз садорат роҳбари ва назоратро тақозо менамояд (**«Нақши садорат дар баҳодиҳи»**).

Баҳоди аз ҷониби кормандон ё маслиҳатчиёни беруни амали мешавад, вале садорат бояд бовари ҳосил намояд, ки масъалаҳо дуруст тасвия шаванд, натиҷаи ба даст омада бошад ба таври матлуб истифода гардад. Тарзи гузаронидани баҳодиҳиро садорат ҳал мекунад – яъне, баҳо додани фаъолияти ташкилот дар умум ё танҳо самтҳои адоҳидаи он, масалан, молиявӣ.

Дар давоми баҳодиҳи садорат бояд бовар кунад, ки барои он бояд асоси кофӣ ва фаҳмо мавҷуд аст: яъне баҳогузории нишондиҳандаи зарурӣ ва истифодаи воситаҳои дурусти баҳодиҳӣ. Садорат бояд ба натиҷаи баҳодиҳӣ шинос шавад ва баҳри дар ҳаёт татбиқ гардии тавсияҳои баррасӣ гашта чораҳо андешад.

Садорат ҳамчунин ба он эътибор диҳад, ки агар натиҷаҳои баҳодиҳӣ ба раванди умумии фаъолияти ТҒ хос бошад пас ин дар ҷараёни банақшагири бояд ба назар гирифта шавад.

Барои қайд

Нақши садорат дар баҳодиҳи

Садорат чи хел метавонад кори ТҒ баҳо диҳад?

Кори ТҒ баҳо додан бениҳояд душвор - зеро он даромади моливӣ надорад, ки кори босамари ташкилотро тасдиқ намояд. Аммо чун нишондиҳандаи молиявӣ – ин ченаки комёбӣ дар тиҷорат, барои комёбии ТҒ бошад бо ном истифодаи фоидаи иҷтимоӣ имконпазир аст. Барои ҳамин сараввал садорат муайян мекунад, ки гирифтани кадом фоидаи иҷтимои барои ташкилот муносиб ва муҳим аст.

Садорат матавонад чунин саволҳоро диҳад: «Чӣ бояд дар ҷамъият тағйир ёбад?», «Кадом арзиши иловашударо мо бояд дар солҳои наздик ба даст орем?». Садорат бояд ба якчанд нишондиҳандаҳои асосии эътибор намояд, ки вақеан аз он ягон хел таъсире интизор шавад. Ва ин нишондиҳандаҳо якҷоя бо кормандон муҳокима шавад ва онҳо бовари ҳосил кунанд, ки ҳамаи онҳо баҳри комёбгарии як мақсад нигаронида шудааст. 18б

Баъдан садорат бояд муайян кунад, ки чӣ тавр натиҷа чен карда мешавад ва чунин саволҳоро дода мешавад: 1) чӣ гунагии нишондиҳандаи асосии, ки вазъи кунуниро муаррифи мекунад? 2) аз кадом манбаъҳо оид ба ин нишондиҳанада маълумот ластрас кардан мумкин? 3) аҳамияти кунунии нишондиҳанда дар чист ва ба кадом аҳамият мо ҳоҳищи комёб гаштан дорем? 4) Чӣ тавр мо тағйиротро пай мебарем ?

Басе ТҒ соҳибтаҷриба оид ба низоми сифати кафолат фаромӯҷ нахоҳад кард, зеро он якчанд нишондиҳандае, ки ба иҷрои рисолат ва ҳамчунин идоракунии ТҒ мутааллиқ аст, ҳамроҳ менамояд.

6

ТҒ стандатрҳои аз ҳама наҷиби касбӣ ва одобиро пеш мебарад

6 1

Садорат стандартҳои касбӣ ва одобии ташкилотро ташаккул медиҳад

Аз ТҒ беист риояи басе талаботҳои баландро нисбат ба ширкати тиҷоратӣ талаб карда мешавад. Азбаски, онҳо имтиёзҳо дар андозбандӣ ва дигар афзалиятҳо доранд бинобар ин ТҒ бояд ба ҷамъият, аъзоёни ташкилоти худ ва стейкхолдерҳо ҳамчун пайрав ва таҷҳасумгари қоидаҳои баланди рафтор, худро муаррифӣ намояд. Садорат бошад ҳамеша назоратро аз болои фаъолияти ташкилот, ки он аз арзишу афзалиятҳои эътироф намудааш дур нагардад анҷом медиҳад (Ниг.: **«Намунам амали: кодекси одоб»**).

Яке аз маҳаққое, ки аз рӯи он ТҒ баҳогузорӣ мешавад – ин мувофиқати фаъолияти он ба талаботи қонунгузорӣ маҳсуб аст. Садорат бояд донад, ки кадом қонунҳо нисбат ба ташкилот истифода ва ба фаъолияти вай мувофиқ аст. Дар сурати иҷро нагардидани талаботҳо, садорат вазифадор аст барои бартараф кардани номувофиқат чораҳо андешад. Дар аксари кишварҳои ЕМШ хусусан садорат барои мувофиқати фаъолияти ТҒ ба қонун ҷавоб медиҳад, гарчанде роҳбари корхона метавонад салоҳиятҳоро доир ба ин масъала вакилӣ намояд. Садорат аз болои риояи стандартҳо дар ТҒ назорат менамояд ҳамчунин бо дигар воситаҳо.

Мавзӯи мониторинг – хизмати пешниҳодшаванда, маош ва ҷоизаи роҳбар, дақиқ будани итиллоот нашр шуда. Ин ва бисёр чизи дигар – нишондиҳандаҳое, ки аз ҳисоби онҳо маҳорати ТҒ дар ҷамъият ғани мегардад.Садорат бояд аз болои ислоҳи хатогиҳое, ки дар ин соҳаҳо содир шудааст ва ба маҳорати ташкилот зарари ислоҳнашаванда нарасонидааст назорат мебарад. **Масалан, бепарвоёна иҷро кардани кор ё офиси бо ҳашамат, ки метавонад шакку шубҳаро дар миёни эҳсонгирандагон ба миён орад зеро ҳамаи маблағҳо танҳо барои иҷрои рисолат бояд сарф шавад.** Дар чунин ҳолат

Намунаи амалӣ: кодекси одоб

Чорӣ намудани кодекси рафтор – ин воситаи хуб ва сабаби андеша намудани арзишҳое, ки ташкилоти шуморо пеш мебарад ва ҳамчунин тарҳи риояи онҳоро дар ҳаёти рӯзмаро тақозо менамояд. Амсоли чунин кодекс-нишондиҳандаи муайяни далернокии ТҒ, ки ба он хотири, ки ӯ вазифаҳои стандарти рафторро ҳал мекунад ва одоби худро вобаста ба он хос менамояд.

Албатта, ин имкопазир аст, ки агар кодекс дар амал татбиқ гардад ва на дар қоғаз боқӣ монад. Аз ин сабаб бо он шинос намудани ҳайати кормандон ва нашри он дар сомонаи ташкилот зарур аст. Баъдан аъзоёни садорат якҷоя бо роҳбари ташкилот оид ба муносибати ҷидди зоҳир намудани кормандон ба ин ҳуҷҷат ва иҷрои ҳолатҳои он бояд чораҳо андешанд.

Кодекси одоб бояд аз номи садорат мураттаб шавад, зеро ҳамчун ҳуҷҷати муҳим барои ташкилот арзёбӣ мегардад. Вале коркард ва таҳияи он бошад аз ҷониби кормандон ё дар якҷоягӣ бо аъзоёни садорат роҳандозӣ мешавад. Муҳокимаи матни кодекси одоб – ин имконияти хуб барои кормандон ва аъзоёни садорат, ки дар якҷогӣ арзишҳои умум ва ҳадафҳоро муайян мекунанд. 19a

Дар шабакаи Интернет бо намунаи хуби кодексҳо вохурдан мумкин аст, ки ба сифати модели истифодаи онҳо имконпазир аст. Басе аз онҳо ба чунин масъалаҳо дахл доранд:
- рисолати ташкилот:
- ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият;
- истифодаи манбаҳо;
-принсипи кори садорат;
- таҷрибаи менеҷмент;
- ихтиолфи манфиатҳо ва тарзи бартараф кардани он.

6

ТҒ стандартҳои аз ҳама наҷиби касбӣ ва одобиро пеш мебарад

6.1

барои ислоҳ ё бартараф кардани шубҳаҳои таъсирбахш, садорат бояд чораҳо андешад (Ниг.: **«Шубҳаҳои роҳбари ТҒ (Қисми 2)»**).Хатто дар сурати нодуруст ҷо ба ҷо кунии афзалиятҳо боиси кандашавии боварӣ аз ташкилот мегардад, ки агар ин ба андозае ҷиддӣ ва ҳамчунин бо вайрон кардани қонун хос бошад.

Каналҳои алоқаи бозгашт, ки одатан аъзоёни садорат истифода мебаранд аз каналҳои алоқаи кормандон фарқ дорад. Аъзоёни садорат бояд бо диққат онро гушдорӣ кунанд, ки дар хусуси ТҒ дар ҷомеа чӣ мегуянд, ҳамчунин таҳҷасумгари рафтори беиллатро талқин намоянд. ТҒ ҳуқуқи аз аъзоёни садорат муҳокимаи амиқона ва рафтори беиллатро на танҳо дар ҷаласаҳои садорат, ҳамчунин дар ҳаёти касбии онҳо интизор аст. Дар баъзе ташкилотҳо сиёсате ҷолиб аст, ки тибқи он барои ҷиддан вайрон кардани қонун аъзои садоратро хориҷ менамоянд.

Барои қайд

Шубҳаҳои роҳбари ТҒ: «Ба ман садорат чи лозим?» (Қисми 2)

Сухани роҳбари ташкилоти миқёси миллии яке аз кишварҳо:

«Ҳамчун директории яке аз ТҒ калидии кишвари мо, ман бо маблағгузорони асосии хориҷӣ, ки ҷамъяти шаҳрвандиро дастгирӣ мекунанд муносибати хуб ба роҳ мондам. Вале ман бо масоиле, ки ба рафтори яке аз маблағгузор алока дорад, сар ба сар шудам. Ба назарам, раиси он нисбат ба ташкилоти ман нодилона рафтор намуд ва бе ягон сабаб дастгириро бездошт.

Ман бо ӯ ҷагҷол кардан нахостам, зеро ин баракс тафсир шуданаш имконпазир буд – мисли он, ки ман танҳо барои музди меҳнати шахсии худ ғамхорӣ доштам. Барои ҳамин ман ба яке аз аъзоёни садорат муроҷиат кардам, ки он шахсан бо намояндаи ин фонд ошной дошт. Ӯ бо онҳо гуфтугӯ ва аниқ кард, ки донор ташкилотро барои корҳои ғайриодобӣ гумобар намудаст. Шукри худо, ӯ ҳамаро аниқ кард – ин тоза аз нофаҳми буд – мо аз чунин ҳолат баромадем.

Дахолат намудани аъзои садорат бениҳоят сари вақти буд. Фаҳмо, ки дар ин дастгири ӯ манфиати шахсӣ надошт, чӣ инро мо интизор будем. Оқибат дастгирӣ аз ҷониби донор роҳандозӣ гашт».

19б

ТҒ стандарҳои аз ҳама наҷиби касби ва одобиро пеш мебарад

Кори аъзоёни садорат пардохт намешавад

Дар доираи корпоративӣ ин мутлақо дурӯст аст, ки аъзоёни садорат барои кори худ маош мегиранд, вале барои сектори ғайритиҷоратӣ ин ҷолиби қабул нест. Барои чӣ? Пеш аз ҳама ин хоҳиши худи аъзоёни садорат аст, ки дар асоси ихтиёрии кор мекунанд ва шаҳодати онро дорад, ки мақсади дастгири ташкилот ба нафъи шахси онҳо алоқаманд нест.

Аз ин лиҳоз, ниҳоят муҳим аст, ки аъзоёни садорат ба ҷалби (ва ҳатто дар ин хусус нисбати онҳо шубҳа набошад) бевосита ва бавоситаи фоидаи аз кори худ дар садорат машғул нагарданд. Агар аъзоёни садорат ганорар, маош ва дигар фоидаҳои веҷеъӣ ба даст оранд ихтилофи манфиатҳо сар мезанад, дар чунин ҳолат манфиатҳои шахси (ё шояд чунин баҳогузори шудааст) нисбат ба минфиатҳои ташкилот ва эҳсогирандагони он боло мегирад. Саёҳати бароҳат, мансаб барои аъзоёни оила ва дигар тӯҳфаҳои қабул шуда (новобаста аз ночизиаш) шабоҳат медиҳад, ки стандартҳои одоб дар корхона заиф ва хароҷоти манбаъҳо аз рӯи таъинот амали намешавад. На танҳо аъзоёни садорат, ҳаичунин аъзоёни оилаи онҳо, дустон ва наздикое аз ташкилот набояд ягон хел фоида гиранд (Ниг.: Кисми 6.3).

Мутаассифона, дар кишварҳои ЕМШ бешубҳа танҳо одамон дар он ҳалат ба кори садорат майл пайдо менамоянд, ки агар аз он ягон-хел фаида ба даст оранд. Вале ташкилоте, ки ба одоб ва стандартҳои баланди касбии такя мекунад, дар назди худ чунин қарор намудааст (бисёриҳо бо чунин тарз амал мекунанд) **- одамоне, ки барои онҳо фоидаи модди водоркунанда мақсад аст – номзадҳои беҳтарин барои садорат ҳисобида намешаванд.** Вақеъан майли ворид шудани одамон ба содарати ташкилот сабабҳои худро дорад, яъне бояд онҳо дурӯст фаҳманд, ки садорат ба чӣ машғул мешавад (Ниг.: **«Барои чӣ одамон аъзои садорати ТҒ мешаванд?»**). Дар байни ин сабабҳо – ҳиссиёти

Барои чӣ одамон аъзои садорати ТҒ мешаванд?

Ин якчанд ҷавоб ба ин савол, ки мо онҳоро аз кишварҳои ЕМШ дастрас намудем:

«Бовар намудан душвор вале аъзоёни садорати мо бо ҷидду ҷаҳд тоза кор мекунанд. Мо барои кору худ тангае намегирем» (Венгрия).

«Кордони ва дар сатҳи баланд хизматрасонии ташкилот – ин аст сабаби асосии ба садорат дохил шудани ман» (Украина).

«Ман аз он лаҳзати калон мебарам, ки одамони кишварҳои гуногун дар садорати байналмилалӣ ҳамон як арзишро паҳн мекунанд. Ҳамчунин ба ман шахсан руҳи саргузашт бениҳоят наздик аст, ки аъзоёни садоратро водор менамояд аз сарҳади муқаррари бароянд». 20a

«Ман эътимодмандам, ки дар садорат кор намуда бо имкониятҳоям таъсири позитивиро ба ҳаёти ташкилот ва умуман ба ҷамъият расонам. Ман мехоҳам дар тағйиротҳо иштирок варзам» (Латвия)

«Фаъолияти ман дар садорат – на он қадар аст, чӣро ман метавонам ба ҷомеа, ки дуст медорам пардозам» (Польша)

шарикӣ ба кори хуб, хоҳиши бисёр доштан оид ба донистани доираи манфиатҳои худ ё кӯшиши бомайлонаи истифодаи малакаи худ, хулоса ба дигарон кӯмак намудан.

Баъзан аъзоёни садорат мехоҳанд фаҳманд, ки оё онҳо барои хизаматрасонии касбиашон аз ташкилот маош мегиранд. Масалан, ҳуқуқшинос – аъзои садорат ба ТҒ имконоти пешниҳоди маслиҳатро дорад, одатан хизмати ӯ пардохта мешавад. Аз рӯи қоида, хизмати пулакӣ дар чунин ҳолат номуносиб аст. Агар бе ҳаққи қалам илоҷ набошад, бояд вай мувофиқи сиёсати ихтилофи манфиатҳо пардохт намояд. Муҳим он аст, ки аъзоёни садорат, ки ба ин ҳамроҳшудаанд дар қабули қарор оид ба пардохт ё баҳодии сифати хизмати пешниҳод гашта иштирок наварзанд.

Албата, ба аъзоёни садорат хароҷотҳои оқилонае, ки ба иҷрои вазифаҳои онҳо алоқаманданд бояд пардохт гардад (Ниг.: «Намунаи амали: пардохти хароҷотҳо ба аъзоёни садорат»).

Барои қайд

Намунаи амалӣ: пардохти хароҷотҳо ба аъзоёни садорат

Азбаски аъзоёни садорат, чун қоида, - шарикон, ин маънои онро надорад, ки бояд онҳо хароҷоти садоратро аз кисаи худ пардохт намоянд. Ташкилотҳое, ки ба худ инро маъқул мешуморанд, хароҷотҳои аъзоёни садоратро вобаста ба кирои роҳ, истиқомат, тренигҳои махсус ҷуброн менамоянд ва ғ. Агар чунин таҷриба дар ҳуҷҷати муассисон ташкилот қайд нагардида бошад, садорат бояд сиёсатеро омода намояд, ки дар он кадом хароҷотҳои аъзоёни садорат ҷуброн мешавад, андозаи ҷуброн ва тарзи ҳуҷҷатгузории он бояд гуфта шуда бошад. Албатта, мавҷуд будани чунин сиёсат на бояд монеъаро барои аъзои садорат, ки бо хоҳиши худ мехоҳад воситаҳои ташкилотро дар намуди хайрия баргардонад ба вуҷуд орад.

20б

6.3 Садорат сиёсати ихтилофи манфиатҳоро баррасӣ менамояд

Ҳамаи ТҒ сиёсати ихтилофи манфиатҳоро бояд қабул намоянд ва боз нашавад, ки дар ҳалли масоилҳои одоби такя ба ким-кадом ақидаи шахсӣ намоянд. Чунин сиёсат асосан барои ташкилотҳои кишвари ЕМШ муҳим аст, ки мувофиқи Индекси ҷамъияти шаҳрвандӣ аз рӯи методикаи Civicus, ба қадри кифоя дараҷаи баланди суиистифода ва коррупсия ҷой дорад (Ниг.: ҳтсоботи Civicus оид ба кишварҳо дар сомонаи www.civicus.org). Бо қабули сиёсати ихтилофи манфиатҳо, садорат маҳорати ТҒ ба сифати шаффофият ва ҳисоботдиҳии ташкилот мустаҳкам менамояд ва бо ин барои ҷалби манбаъҳои нав кӯмак менамояд. Чунин сиёсат - боиси баромадан аз ҳолати ногуворе, ки шӯҳрати ташкилот ё одамони ба он алоқамандро халалдор менамояд.

Чунин сиёсат – барои раҳои ёфтан аз ҳолати душворе, ки метавонад ба шӯҳрати ташкилот ва ба он алоқаманд зарар расонад.

Ихтилофи манфиатҳо дар сурате ба миён меояд, ки агар инсон ба интихоби варианти рақобаткунанда ба манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ, ки қабули қарорро душвор мекунад ё ба он таъсир мерасонад, рӯ ба рӯ мешавад. Дар ҳолати ихтилофи манфиатҳо одатан манфиати ташкилот нисбат ба шахси муҳим ба назар мерасад. Ихтилофи манфаитҳо на ҳамеша маънои онро дорад, ки инсон ягон хел кори аҳмақи дорад. Хатар он худ дар гумонбарии суиистифода аст. Ихтилофи манфиатҳо метавонад бар сари ҳар кас ояд, вале он бештар ба аъзоёни садорат сару кордор аст, зеро онҳо шахсони мӯътабаранд бо шумораи зиёди алоқаҳо дар ҷамъият. (Ниг.: «Ихтилофи манфиатҳо чист?»).

Сиёсат дар соҳаи ихтилофи манфиатҳо барои дуруст ба роҳ мондани одоб дар дохили корхона ва аз ӯҳдаи бартараф намудани

Ихтилофи манфиатҳо чист?

Ихтилофи манфиатҳо – ин ҳамчун (ё худ таъсири чизе) таъсири манфиатҳои беруна ба кобилияти фардии қабули қарори бечунучаро одилона аз номи ТҒ пиндошта мешавад. Ихтилофи манфиатҳо дар сурати ба миён омадани имкониятҳо оид ба ба даст овардани фоида (истифода аз вазъи хизматӣ), ки ба шиносон ё наздикон фоидае дастрас мегардад ва дар сурате, ки ҳайат, алоқаҳои касбӣ ва ё дигар дар қабули бечунучаро ва одилонаи қарор ё худ агар манфиатҳои шахсӣ ё ғаразноки ба ихтилофи манфиатҳои ТҒ ворид шавандаро ба миён меояд.

Ихтилоф ба воқеъӣ ё худ зоҳири шуда метавонад – дар сурате агар шубҳае пайдо шавад, ки касе ба манфиати худ амал дорад, дар асл бошад ин хел нест: 21а

Ин мисолҳои ихтилофи манфиатҳо:

- аъзои садорати грантдиҳандаи ташкилот ҳамзамон роҳбари ташкилоти – гиранда;
- аъзои садорати яке аз ташкилотҳо ҳамзамон роҳбари дигар ТҒ, ки барои манбаъ бо ташкилоти якум дар рақобат қарор дорад;
- аъзои садорат аз ташкилот қарзи бефоиз мегирад;
- киро кардани ҳамсари аъзои садорат барои таҳвили хизмати муайяни ТҒ;
- аъзои садорат- хеши яке аз кормандони ташкилот.

6 3

ҳолате, ки дар он манфиатҳои гуногун ихтилоф ё байни ҳамдигар бархурд доранд ба садорат кӯмак мерасонад (Ниг.: «Намунаи амали: сиёсати ихтилофи манфиатҳо»). Сиёсат, чун қоида талаботи пурраи маълум намудани иқтидор ё то ин дам ҷой доштани ихтилофҳоро ва худдори намудан аз иштирок дар муҳокима ё қабули қарори касе, ки манфиати шахси дорад фаро мегирад. Басе садоратҳо аз аъзоёни худ ҳамасола имзо гузоштани аризаҳоро оид ба ошкор намудани андозаи ихтилофи манфиатҳо хоҳиш менамояд. Низомнома оид ба ихтилофи манфиатҳо бояд байни кормандон, шарикон, ҳамчунин аъзоёни оила , шарикони-тоҷири аъзоёни садорат ва ғ. паҳн карда шавад.

Албатта, агар сиёсат танҳо дар қоғаз боқӣ монад ин нокифоя аст. Аз ин лиҳоз, барои натиҷа доданаш садорат бояд оид ба риояи он кӯшиш намояд.

Барои қайд

Намунаи амалӣ: сиёсати ихтилофи манфиатҳо

Сиёсат дар соҳаи ихтилофи манфиатҳо дар лаҳзаҳои душвор ё ғайриодолатона дастёр аст. Ӯ барои ҳифзи шӯҳрати TF шумо кӯмак менамояд. Агар шумо хоҳиши коркард ва қабули Низомнома оид ба ихтилофи манфиатҳо дошта бошед намунаи ин ҳуҷҷатҳоро метавонед аз сомонаи Фонди ҷамъияти шаҳвандӣ дар ЕМШ(www.ceetrust.org) ё Фонди рушди ҷамеъаи шаҳрвандии Венгрия (www.ctf.hu) пайдо намоед.

Низомнома оид ба ихтилофи манфиатҳо бояд аз аломатҳои зерин иборат бошад.

1.Мақсадгузорӣ. Дар Низомнома мафҳуми ихтилофи манфиатҳо ва ба кӣ дахл доштани он муқаррар мегардад. 21б

2.Роҳнамоӣ амал. Садорат ва кормандон доир ба ҳолатҳои воқеъӣ, зоҳирӣ ё эҳтимолии ҷой доштани ихтилофи манфиатҳои бояд хабар диҳанд. Аз ҷониби онҳо муҳокима ё қабули қарор дар ҳолате, ки худи онҳо, хешовандон, аъзоёни оилаи онҳо, ки метвонанд бевосита ё бавосита фоида ба даст оранд бояд манъ карда шавад.

3.Изҳороти ҳарсолаи оид ба ихтилофи манфиатҳо. Аъзоёни садорат ва кормандон тасдиқ ва қабули Низомнома ба изҳорот имзо мегузоранд. Дар изҳорот онҳо аз ҳолатҳои воқеъӣ ва зоҳирии ихтилофи манфиатҳо дарак медиҳанд.

6

TF стандартҳои аз ҳама наҷиби касбӣ ва одобиро пеш мебарад

64

Садорат қоидаҳои одоби касбиро муқаррар мекунад

Қоидаҳои касбии садорат муттасилан дараҷаи касбиёти ташкилотро инъикос менамояд. Кори мураттаб ва хуби садорати коркун одатан ташкилотро бо чунин маҳорат идоракуни водор менамояд. Якчанд самтҳое маҳсуб аст, ки садорат нисбат ба онҳо ва ҳамзамон ба одоби касбии худ бо диққат бошад.

641

Садорат қоидаи фаъолияти худро муқаррар мекунад. Ба ӯ қоидаҳои коркардашуда барои амалинамудани кори худ лозим. Принсипи «волоияти ҳуқуқ» дар садорат ҳисобдиҳиро қаввӣ ва босамариро баланд мекунад ва ба асоси кори дастаҷамъона пояи мустаҳам мегузорад. Беҳтарин роҳнамои амал барои аъзои садорат – ин пурдиққатона коркарди ҳуҷҷатҳои асосии амсоли интихоби аъзоёни нав, чӣ гунагии ҷадвали ҷаласа ва тартиби қабули қароро инъикос менамояд. Садорат метавонад тартиби басе бо тафсили садорати худро – то ба худи макони ҷаласа ва андозаи рӯзномаи маҷлис мухтасар ифода намояд. Ҳамаи қоидаҳои одоб дар садорат – ва дар ҳуҷҷатҳои оинномави ва ба низомаҳо ва дастурруламалҳо мухтасар мувофиқ гардонида шудааст – бояд дар як маҷмӯа ҷамъоварӣ намудан лозим аст ва онро ҳар як аъзои садорат бояд дошта бошад (Ниг.: «Мундариҷаи роҳнамо барои садорат»). Донистани ин қоидаю тартибҳо вазифаи хубтарини раиси садорат аст, ҳамчунин иҷро ва риояи онро дар ҷойи кор аз ҷониби ҳамаи аъзоёни садорат бояд талаб намояд.

642

Садорат қарорҳои асоснокро қабул менамояд. Қабули қарорҳои дуруст аз ду омил вобаста аст: маълумоти боэътимод ва қобилияти босаводонаи истифодаи он. Аъзоёни садорат ба маълумоти пурра ва саривақт ниёз доранд ва тарзи истифобарии онро баҳри роҳбарии ташкилот ва устуворгандии он он бояд донанд. Ҳамчунин, аъзоёни садорат аз омодаги кормандонро ба ҷаласа ва пешниҳоднамудани маводҳои заруриро пешакӣ бояд талаб намояд. Кормадон бояд

Мундариҷаи роҳбарӣ барои садорат

Ин руйхати нотамом, вале тасаввуротеро манзур менамояд, ки чӣ тавр ва ба кадом Низомномаҳои ба тавсиб расида бояд садорат фаъолияти худро идора намояд.

1. Интихоби аъзоёни садорат.
2. Тартиби истеъфо ё хориҷи аъзои садорат.
3. Пурра намудани ҷойи холи дар садорат.
4. Шиносоии аъзоёни нави садорат ба моҳияти кор.
5. Ташаккули комитетҳо.
6. Худбаҳодиҳии садорат.
7. Даъвати ҷаласаи садорат.
8. Қарори таъҷилӣ.
9. Тайёрӣ ва паҳн кардани рӯзномаи маҷлис.
10. Талабот ба иштирок дар ҷаласаҳои садорат.
11. Кворум (адади иштирок - кунандагони маҷлис).
12. Тарзи овоздиҳӣ.
13. Тайёрӣ ва тасдиқи протоколи ҷаласа.
14. Коркард ва тасдиқи Низомномаи нав.
15. Подоши хароҷотҳои аъзоёни садорат.

22a

6 4 2 садоратро аз ҳодисаҳо бохабар карда истад ва вақт дар вақташ хабарҳои муҳим дастрас намояд (Ниг.: **«Хабари «парҳези» барои садорати шумо»**). Аъзоёни садорат хоҳиши аз кормандон пешниҳоди маълумоти ниҳоят саҳеҳ ё агар ин зарур бошад бо дигар шакл бояд шарм надоранд. Беш аз ин, **садорат набояд ба ҳайат ҳамчун манбаи иттилоотӣ такя намояд:** бояд ба дигар нигоҳҳо муроҷиат кард, то ки аз ҳодисаҳои руйдиҳанда воқиф гашт. Азъоёни садорат ба ҷаласа бояд бо тайёрӣ ҳозир гарданд. Ин имконият медиҳад, ба ҷойи шунидани гузориш ё маълумоти доманадор, ки аъзоёни садорат метавонанд мустақилона пешакӣ бо он шинос шаванд, мунозираро воқеан гузаронда ва ҳамзамон қарор қабул кунанд.

6 4 3 **Садорат ба таври мунтазам дар ҷаласаҳо ҷамъмеояд, ки он бо риояи қоида ва талаботҳо баргузор мегардад.** Дар ҳуҷҷатҳои оинномавӣ одатан нишон дода шудааст, ки садорат дар як сол чанд бор бояд ҷаласа баргузор намояд. Ғарчанде, ҷавоби қазои ба ба ин совол имконпазир нест, вале як бор дар як сол - дар асл ин барои он, ки аъзоёни садорат то битавонанд вазифаҳояшонро иҷро намоянд беҳад кам аст. Дар баъзе ТҒ садорат соле ду ва ё се маротиба, дар дигар ташкилотҳо зиёдтар ҷамъ машаванд. Вале маротибае чанд ё доимо ба баргузоргардии ҷаласа нигоҳ накарда аъзоёни садорат бояд пешакӣ бояд санаи вохуриро донад ва ба он омода гардад. Аксари ТҒ бар он ақидаанд, ки беҳтараш ҷадвали мунтазам чаласа бояд барои сол муқаррар шавад. Агар вохурӣ хуб ташкил карда шавад, рӯзномаи маҷлис ҳатман риоя ва ниҳоят босамарона гузаронида мешавад. Аъзоёни садорат бо мароқи том ба ҷаласа ҳозир мешаванд ва агар воқеъан ҳам онҳо хоҳиши ҳиссагузорӣ дошта бошанд, дар он ҳолат онҳоро муошират ҳақиқӣ ва шавқовар интизор хоҳад буд (Ниғ.: **«Намунаи рӯзномаи ҷаласа»**).

Хабари «парҳезӣ» барои садорати шумо

Аъзоёни садорат оид ба чӣ бояд маълумоти хуб дошта бошанд? Мана баъзе «ғизоҳо барои андеша намудан», ки мо бояд онҳоро мунтазам таъмин намоем:

- хармоҳ ё давраи тақвими шарҳи кори ташкилот (муфассал – на кам аз як саҳифа);
